№ 1836/8.1 аз 26.06.09.

**Ба мақомоти ҳудудии андоз**

Оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.03.2009 таҳти № 493 доир ба санҷишҳои андоз ва дигар шаклҳои назорат

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.03.2009 таҳти № 493, ки аз 1 июли соли 2009 мавриди амал қарор дода мешавад, қонунгузории андоз такмил дода шуд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи қонуни зикршуда оид ба санҷишҳо тавзеҳоти зеринро пешниҳод менамояд.

Мутобиқи тағйироте, ки ба сархати аввали қисми 3 моддаи 49 дароварда шуд, калимаҳои «дар аввали соли андоз» хориҷ карда шуда, дар таҳрири нав бо чунин тартиб баён мегардад:

«Санҷиши маҷмӯӣ ва мавзӯии аввалини фаъолияти субъекти навтаъсиси хоҷагидоре (андозсупорандае), ки андозро аз рӯи низоми соддакардашуда месупорад, инчунин соҳибкори инфиродие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси шаҳодатнома дар хусуси бақайдгирӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ анҷом медиҳад ва даромади умумиаш ба талаботи моддаҳои 302 ва 303 ҳамин Кодекс мутобиқат менамояд, метавонад танҳо пас аз сипарӣ шудани 30 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии онҳо амалӣ гардад.».

Тағйироту иловаҳое, ки ба сархати дуюми қисми 2 моддаи 50 дароварда шуд, калимаҳои «дар аввали соли андоз» хориҷ карда шуда, дар таҳрири нав бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад:

«Мӯҳлати гузаронидани санҷиши андози андозсупорандае, ки мутобиқи ҳамин Кодекс супорандаи андоз ба ҳисоб рафта, аз рӯи низоми соддакардашуда андоз месупорад, инчунин соҳибкори инфиродие, ки даромади умумиаш ба талаботҳои моддаҳои 302 ва 303 ҳамин Кодекс мутобиқат менамояд, набояд аз 10 рӯзи корӣ аз оғози санҷиши андоз зиёд бошад.».

Тибқи тағйироту иловаҳои ба моддаи $50^1$ дароварда шуда:

- ба қисми 1 баъд аз калимаҳои «санҷиши амалиётӣ» калимаҳои «ва санҷиши мутақобила» илова карда, калимаҳои «3 рӯзи корӣ» ба калимаҳои «5 рӯзи корӣ» иваз карда шуд, яъне ки:

«Бо мақсади гузаронидани санҷиши андоз, ба истиснои санҷиши амалиётӣ ва санҷиши мутақобила, мақоми андози санҷишкунанда андозсупорандаро дар хусуси санҷиши дарпешистодаи андоз на дертар аз 5 рӯзи корӣ пеш аз оғози санҷиши андоз ба таври хаттӣ огоҳ менамояд.».

Дар сархати якуми қисми 4 моддаи $50^1$:

- калимаҳои «5 рӯзи корӣ»-ро ба калимаҳои «3 рӯзи корӣ» иваз карда, дар таҳрири нав чунин баён мегардад:

«Дар ҳолате, ки агар андозсупоранда бо сабабҳои узрнок оғози санҷишро дар рӯз ва вақти дар огоҳнома пешбинишуда таъмин карда натавонад, вай ӯҳдадор аст мақоми андози санҷишкунандаро дар ин хусус то оғози санҷиши андоз ба таври хаттӣ огоҳ намояд ва ба мақоми андози санҷишкунанда сана ва вақти барои тарафҳо мувофиқи санҷиши андозро пешниҳод намояд, вале на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз рӯзе, ки бояд мутобиқи огоҳномаи мақоми андози санҷишкунанда санҷиши андоз оғоз карда мешуд.».

- сархати нав бо ҷумлаи дорои мазмуни зерин илова карда шуд:

«Дар ҳар ҳолат мақомоти андоз метавонад санҷиши андозро, ки дар огоҳнома пешбинӣ шудааст, пас аз гузаштани 10 рӯзи корӣ аз мӯҳлати дар огоҳнома зикршуда оғоз кунад, андозсупоранда бошад, ӯҳдадор аст барои гузаронидани санҷиши андоз шароит ва ҳуҷҷатҳои заруриро муҳайё намояд.».

Дар сархати якуми қисми 4 моддаи 51 калимаҳои «, ба истиснои гузаронидани санҷиши амалиётӣ,» хориҷ карда шуд.

Ба сархатҳои чорум ва панҷуми қисми 4 моддаи 51 баъд аз калимаҳои «15 рӯзи» калимаҳои «муттасили (пай дар пайи)» илова карда шуд.

Мувофиқи тағйироту иловаҳои ба қисми 4 моддаи 56 дохилкардашуда сархат дар таҳрири нав бо мазмуни зайл илова карда шуд:

«Ҳамзамон мӯҳлати иҷрои огоҳнома бояд на дертар аз 30 рӯзи корӣ пас аз супоридани огоҳнома муқаррар карда мешавад.».

Ба қисми 6 моддаи 56 дар таҳрири нав бо мазмуни зайл иловаҳо дохил карда шуд:

«6. Дар огоҳнома аз рӯи натиҷаи санҷиши андоз, ки ба талаботи банди 22) қисми 1 моддаи 119 ҳамин Кодекс ҷавобгӯ мебошад, ҳатман навиштаҷот дар бораи он оварда мешавад, ки дар давоми 10 рӯзи корӣ пас аз тартиб додани огоҳномаи дар боло зикршуда маводи санҷиши андоз ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ барои андешидани чораҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.».

**Раис** **Н. Давлатов**